**СОЗИШНОМА**
**оид ба гузариши ҳуқуқу ӯҳдадориҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ**

ш. (н.) ________________ «____» _________ соли 20__

Соҳибкори инифродӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии _____ (номи давлати шаҳрванд)_________ - _________ (ному насаби шаҳрванд) ____________ шиноснома силсила____ №_______, аз тарафи ______ (номи мақомоти шиносномадиҳанда) ______________ дода шудааст, ки дар асоси Шаҳодатномаи соҳибкорӣ аз «__» _________ соли 20___ таҳти Рақами ягонаи мушаххаси _______________ амал менамояд ва минбаъд «Соҳибкор» номида мешавад, аз як тараф, ҶДММ (ҶСК, ҶСП, КИ) «___________» РЯМ ______________, дар шахсияти ___(ному насаби шахси масъул)_____, ки дар асоси Оиннома (Ваколатномаи №___ аз «__»_______ соли 20___) амал менамояд ва минбаъд «Ҷамъият» номида мешавад, аз тарафи дигар ва Нозироти андоз дар ___(номи нозирот)___________, дар шахсияти сардори Нозирот _______________________, ки дар асоси Низомнома амал менамояд ва минбаъд «Нозирот» номида мешавад, аз тарафи сеюм, бо хоҳиши тарафайн Созишномаи мазкурро оид ба мавзӯъи зерин ба имзо расониданд:

## 1. Мавзӯъи Созишнома

1.1. Бо мақсади идома додани фаъолияти соҳибкории худ мутобиқ ба низоми дигари андозбандӣ, ки аз талаботи қонунгузории андоз бармеояд, «Соҳибкор» тамоми ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро вобаста ба фаъолияти соҳибкориаш, ки дар асоси Шаҳодатномаи аз тарафи Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ___________________ аз «__» _____ соли 20___ бо РЯМ__________ дода шуда, анҷом медиҳад, ба манфиати «Ҷамъият» мегузарад. «Ҷамъият» дар навбати худ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои «Соҳибкор»-ро вобаста ба фаъолияти соҳибкории ӯ қабул намуда, ӯҳдадор мешавад, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва низомӣ мутобиқи андозбандӣ идома диҳад ва дар назди шахсони сеюм (мақомоти андоз ва дигар ташкилоту идораҳо) ҷавобагиро вобаста ба фаъолияти анҷомдодаи «Соҳибкор» ба зимма гирад.

1.2. «Нозирот» дар навбати худ барои ивазшавии субъект дар муносибатҳои хоҷагидорӣ вобаста ба гузариши фаъолияти соҳибкории «Соҳибкор» ба «Ҷамъият» ва идомаи он, низоми андозбандии минбаъдаи «Ҷамъият»-ро тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории андоз муайян менамояд ва санҷиши фаъолияти соҳибкории анҷомдодаи «Соҳибкор»-ро бо назардошти гузариши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои он ба «Ҷамъият» дар нақшаи минбаъдаи санҷишҳо муқаррар менамояд.

## 2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафайн

2.1. «Соҳибкор» ӯҳдадор мешавад, ки пас аз ба имзо расонидани Созишномаи мазкур ва гузариши ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ба «Ҷамъият», фаъолияти соҳибкории инфиродии худро дар мӯҳлати кӯтоҳтарин тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ қатъ намояд.

2.2. «Ҷамъият» ӯҳдадор мешавад, ки дар сурати пайдо шудани ӯҳдадориҳои андозӣ аз фаъолияти пешинаи «Соҳибкор», онҳоро пурра ба зиммаи худ гирифта, пардохти андозҳоро таъмин намояд.

2.3. «Нозирот» бо назардошти талаботи банди 1.2.–и Созишномаи мазкур барои қатъи фаъолияти соҳибкории инфиродии «Соҳибкор» дар доираи қонунгузорӣ мусоидат намояд.

## 3. Муқаррароти хотимавӣ

3.1. Ҳолатҳои дигаре, ки дар Созишномаи мазкур пешбинӣ карда нашудаанд ва аз муносибатҳо вобаста ба Созишномаи мазкур бармеоянд, тарафҳо ба созиш омадаанд, ки ҳалли онҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

3.2. Амали Созишномаи мазкур то амалан иҷро шудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафайн, дорои қувваи ҳуқуқӣ мебошад. Созишнома дар се нусха бо забони Тоҷикӣ, як нусхагӣ барои ҳар як тараф тартиб дода шуда, ҳар яки он дорои вазъи ҳуқуқии якхела мебошанд.

## 4. Суроға ва имзоҳои тарафайн

| «Соҳибкор» | «Ҷамъият» |
|---|---|
| ______________________________ | ________________________________ |
| ______________________________ | ________________________________ |
| ______________________________ | ________________________________ |

«Нозирот»

________________________________
________________________________
________________________________